Бо фармоиши директори Агентии содироти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз «18» ноябри соли 2020, № 45

# Қоидаҳои бақайдгирӣ дар низоми содироткунандагони бақайдгирифташудаи Иттиҳоди Аврупо (Registered Exporter System)

## 1.МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Қоидаҳои бақайдгирӣ дар низоми содироткунандагони бақайдгирифташудаи Иттиҳоди Аврупо (минбаъд – «Қоидаҳо») ҷиҳати иҷрои банди 2 қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 августи соли 2020, №461 «Дар хусуси муайян намудани мақоми ваколатдори давлатӣ доир ба низоми содироткунандагони бақайдгирифташудаи Иттиҳоди Аврупо (Registered Exporter System)» бо мақсади соддагардонии расмиёти вориднамоии содироткунандагони ватанӣ (истеҳсолкунандагони молҳо) барои бақайдгирӣ дар низоми содироткунандагони бақайдгирифташудаи Иттоҳоди Аврупо (Registered Exporter System) таҳия карда шудааст, инчунин масъалаҳои ба даст овардани вазъи содироткунанда, бақайдгирӣ, тағйирдиҳӣ, бекор намудан ва бозхонди бақайдгирии содироткунанда, ариза оид ба тавлиди мол ва коркарди маълумотҳои содироткунандагони ватаниро дар махзани содироткунандагони бақайдгирифташуда ба танзим медарорад.

2. Истилоҳоте, ки дар Қоидаҳои мазкур истифода мешаванд:

- REX (Registered Exporter System) - низоми содироткунандагони бақайдгирифташудаи Иттиҳоди Аврупо;
- НУИ ИА - низоми умумии имтиёзҳои Иттиҳоди Аврупо;
- TIN - рақами мушаххаси содироткунанда;
- НМ ФИХ - номгӯи молҳои фаъолияти иқтисоди хориҷӣ;
- ДГ ИА АИГ - Директорати генералии Иттиҳоди Аврупо оид ба андозбандӣ ва иттиҳоди гумрукӣ;
- сертификати тавлиди мол - ҳуҷҷате, ки тавлиди молро тасдиқ менамояд;
- молҳои ватанӣ - молҳое, ки пурра дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истеҳсол шудаанд;
- мақоми ваколатдор - Агентии содироти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон.

## 2. ШАРТҲОИ БА ДАСТ ОВАРДАНИ ВАЗЪИ СОДИРОТКУНАНДАИ БАҚАЙДГИРИФТАШУДА

3. Вазъи содироткунандаи бақайдгирифташударо шахси ҳуқуқӣ ё соҳибкори инфиродие ба даст меорад, ки мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ» ба қайд гирифта шудааст ва фаъолияти савдои хориҷиро дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ менамояд.

4. Вазъи содироткунандаи бақайдгирифташуда аз тарафи мақоми ваколатдор мутобиқи Қоидаҳои мазкур ба истеҳсолкунанда ё фурӯшандаи молҳое, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истеҳсол шудаанд, дода мешавад.

5. Содироткунандаи бақайдгирифташуда ҳуқуқи пешниҳод намудани аризаро ба мақоми ваколатдор барои бақайдгирӣ ба сифати содироткунандагони молҳои ватанӣ ба шарте, ки ӯ далели истеҳсоли молеро, ки нияти содирот намудани онро ба давлатҳои Иттиҳоди Аврупо дорад, пешниҳод намояд (Замимаи №1).

6. Бо дархости мақоми ваколатдор содироткунанда бояд тамоми ҳуҷҷатҳои дахлдорро (ҳисоботҳоро), ки мақоми тавлиди молҳои истеҳсолшударо тасдиқ мекунанд, пешниҳод намояд.

7. Содироткунанда бояд нусхаҳои аризаҳоро оид ба тавлиди мол ва ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаро ба муҳлати се сол нигоҳ дорад. Ин давра аз охири соли тақвимӣ, ки дар он ариза оид ба тавлиди молҳо пешниҳод шудаанд (вобаста аз давраи дар Созишномаи префенсиалӣ ё дар қонунгузории миллии давлатҳо - аъзои Иттиҳоди Аврупо муқарраршуда) оғоз меёбад.

8. Содироткунанда бояд маълумотро дар бораи тамоми тағйироте, ки ба маълумоти бақайдгирӣ таъсир мерасонад, ба мақоми ваколатдор пешниҳод намояд, инчунин масъулияти пурраро барои истифодаи рақами бақайдгирӣ ба зиммаи худ мегирад.

## 3. ТАРТИБДИҲИИ АРИЗА ОИД БА ТАВЛИДИ МОЛ

9. Содироткунандаи бақайдгирифташудае, ки аризаро оид ба тавлиди мол пешниҳод намудааст, бояд тавлиди онро тасдиқ намояд.

10. Дар ариза оид ба тавлиди мол ба таври мушаххас бояд номи содироткунанда нишон дода шавад, ки он барои шахсони сеюм фаҳмо бошад. Имзои содироткунанда дар ариза оид ба тавлиди мол талаб карда намешавад.

11. Ариза оид ба тавлиди мол аз тарафи содироткунандаи бақайдгирифташуда бо роҳи вориднамоӣ, нашр ё чидани матн дар ҳисобнома-фактура ё дар дигар ҳуҷҷати тиҷоратӣ, ки молро ба таври аниқ мушаххас менамояд, ки он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тавлид шудааст, ба расмият даровarda мешавад.

12. Ариза оид ба тавлиди мол, ки тамғагузории он мунтаззам дар ҳуҷҷати тиҷоратӣ часпонида шудааст, танҳо дар он ҳолат иҷозат дода мешавад, ки агар шубҳа дар бораи он, ки тамғагузорӣ аз тарафи муаллифи ҳуҷҷати тиҷоратӣ ё содироткунандаи бақайдгирифташуда, часпонида шудааст, вуҷуд надошта бошад.

13. Агар содироткунандаи бақайдгирифташудае, ки ариза оид ба тавлиди молро ташкил медиҳад, истеҳсолкунандаи мол (масалан, трейдер) набошад, пас вай бояд тамоми ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаро (эъломия оид ба тавлиди мол), ки ба ӯ имконияти арз намудан ва исбот намудани тавлиди молро медиҳад, дошта бошад.

14. Дар ариза оид ба тавлиди мол бояд рақами бақайдгирии содироткунанда нишон дода шавад, агар арзиши молҳои дар як миқдори содирот аз ҳудуди муайяншуда аз 6000 евро зиёд бошад.

15. Содироткунандаи бақайдгирифташуда ё бақайдгирифтанашуда метавонад як маротиба аризаро оид ба тавлиди истеҳсоли мол барои миқдори молҳои аз Ҷумҳурии Тоҷикистон истеҳсолшаванда, ки арзиши онҳо аз ҳудуди ни ӣқо аз 6000 евро пасттар аст, ба расмият дарорад.

16. Арзиш бояд бо евро ҳисоб ва ба малакати содироткунанда мубодила карда шавад ва дар муҳлати давраи барои анҷомёбии амалиёти содиротӣ набояд мутобиқи шартҳои таҳвили мол бо муқаррароти ИНКОТЕРМС (EXW, CIF, FOB, DDU - расонидан бе пардохти боҷ ва ғайра) пешбинишуда, тағйир дода шавад.

17. Шакли ариза оид ба тавлиди моле, ки аз тарафи содироткунанда пешниҳодшаванда дар замимаи №2 Қоидаҳои мазкур нишон дода шудааст.

## 4. БАҚАЙДГИРИИ СОДИРОТКУНАНДА АЗ ТАРАФИ МАҚОМИ ВАКОЛАТДОР

18. Мақоми ваколатдор содироткунандаро дар он ҳолат ба қайд мегирад, ки агар аризаи дар бораи бақайдгирӣ дар низоми содироткунандагони бақайдгирифташудаи Иттиҳоди Аврупо пур карда шуда ва тамоми маълумоти он дуруст бошад. Дар ҳолати пешниҳоди маълумоти нопурра мақоми ваколатдор фавран ба содироткунанда дар бораи пешниҳод намудани маълумоти нопурра ё пешниҳоди аризаи такрорӣ, хабар медиҳад.

19. Мақоми ваколатдор барои санҷиши маълумоти аз тарафи арзкунанда пешниҳодшуда, бо истифода аз низоми дохилии арзёбии хатарҳо, масъулият дорад.

20. Мақоми ваколатдор содироткунандаро тавассути почтаи электронӣ оид ба вақти анҷом ёфтани бақайдгирӣ ва пешниҳоди ҳуҷҷати бақайдгирӣ огоҳ менамояд.

21. Дар баробари ин, мақоми ваколатдор нусхаи огоҳиномаҳои электрониро, ки ба содироткунандагон фиристода шудаанд, нигоҳ медорад.

## 5. БЕКОР НАМУДАН, БОЗХОНДАН ВА ТАҒЙИРДИҲИИ ҚАЙДИ СОДИРОТКУНАНДА

22. Барои ворид намудани тағйирот ба маълумоти бақайдгирии худ дар низоми REX (рақами бақайдгирӣ) содироткунанда уҳдадор аст бо мактуби хаттӣ, ки дар он бояд ба таври мушаххас асосҳои тағйироти тахминии воридшавандаро нишон диҳад, ба мақоми ваколатдор муроҷиат намояд.

23. Мақоми ваколатдор аризаро дар муҳлати муқарраршуда баррасӣ намуда, содироткунандаро дар бораи тағйироти ба маълумоти бақайдгирии содироткунанда воридшуда ё вориднашуда огоҳ менамояд.

24. Содироткунандаи бақайдгирифташуда бояд хаттӣ ба мақоми ваколатдор оид ба хориҷ намудани (бозхонд) он аз низоми REX (рақами бақайдгирӣ) дар ҳолатҳои зерин муроҷиат намояд:

- содироткунанда ба талаботи низоми REX (рақами бақайдгирӣ) мутобиқат наменамояд;
- содироткунанда минбаъд истифода намудани рақами бақайдгириро дар низоми REX (рақами бақайдгирӣ) ният надорад;
- содироткунанда фаъолияти худро бо сабаби барҳамдиҳӣ ё азнавташкилдиҳии шакли фаъолият қатъ менамояд.

25. Агар ҳангоми санҷиши маълумотҳои содироткунандаи бақайдгирифташуда, мақоми ваколатдор ошкор намояд, ки ӯ қасдан ё аз беэҳтиётӣ маълумоти нодурустро пешниҳод намудааст, пас мақоми ваколатдор ҳуқуқ дорад рақами бақайдгирии содироткунандаи бақайдгирифташударо дар низоми REX (рақами бақайдгирӣ) бекор намояд.

26. Агар ҳангоми санҷиши содироткунандаи бақайдгирифташуда, мақоми ваколатдор ошкор намояд, ки ӯ дигар вуҷуд надорад ё маълумоти худро мутобиқи шартҳои талабшудаи низоми REX (рақами бақайдгирӣ) нав накардааст, пас мақоми ваколатдор ҳуқуқ дорад рақами бақайдгирии содироткунандаи бақайдгирифташударо бекор намояд.

27. Рақами бақайдгирии содироткунанда, ки бекор карда шудааст, наметавонад аз тарафи мақоми ваколатдор барои бақайдгирии содироткунандагони нав истифода шавад.

28. Агар содироткунандае, ки қаблан ба қайд гирифта шудааст ва қайди он бозхонд карда шудааст, боз бо хоҳиши бақайдгирӣ муроҷиат намояд, мақоми ваколатдор ба содироткунанда рақами бақайдгирии навро танҳо дар он ҳолат

медиҳад, ки агар он тасдиқ кунад, ки вазъияти ба бозхонд намудани рақами бақайдгирӣ оварда расонидашуда бартараф карда шудааст ва дар бораи он маълумоти тасдиққунанда пешниҳод намояд.

29. Агар бекор намудан бо сабаби он, ки содироткунанда апеллятсияро бар зидди бозхонд намудан, ки ба фоидааш ҳа ба шудааст омадааст ё бозхонд саҳван амалӣ шудааст, ҳамон рақами бозхондшуда метавонад ба содироткунанда барқарор карда шавад.

### 6. МУҲЛАТИ АМАЛИ ҚАЙД

30. Муҳлати амали бақайдгирӣ дар низоми REX (рақами бақайдгирӣ) бо вақт маҳдуд карда нашудааст.

31. Агар қайд дар низоми REX (рақами бақайдгирӣ) бозхонд карда шавад ё бекор карда шавад, пас мақоми ваколатдор уҳдадор аст фавран дар бораи ин ба содироткунанда бо нишон додани сабаб ва санаи эътибор пайдо намудани он хабар диҳад.

32. Содироткунандаи бақайдгирифташуда аз Ҷумҳурии Тоҷикикстон рақами бақайдгирии худро барои содирот бо тарофаҳои префенсиалӣ дар доираи нақшаи НУИ ИА, аз он ҷумла дар Тоҷикистон метавонад истифода намояд.

## 7. МАМЛАКАТИ ТАВЛИДИ МОЛҲО, ПЕШНИҲОДИ ҲУҶҶАТҲОИ ТИҶОРАТӢ БА АРИЗА ОИД БА ТАВЛИДИ МОЛҲО

33. Мамлакати тавлиди молҳо мутобиқи Қоидаҳои низоми умумии имтиёзҳои Иттиҳоди Аврупо бо дар назар доштани татбиқи низоми REX (рақами бақайдгирӣ) муайян карда мешавад.

34. Молҳои дар ҳисобнома - фактура ё ҳуҷҷати дигари тиҷоратӣ номбаршуда, агар истеҳсолоти преференсиалиро дар мамлакатҳо ё ҳудудҳои гуногун (ки он метавонад дар ҳолати муттаҳиди минтақавӣ дар моҳияти НУИ ба вуҷуд ояд) дошта бошад, бояд ном ё ихтисороти расмии (рамзҳои ISO) мамлакатҳо ё ҳудудҳо нишон дода шавад.

35. Ба ариза оид ба тавлиди мол аз тарафи содироткунанда ба мақоми ваколатдор ҳуҷҷатҳои зерин пешниҳод карда мешаванд:

- ҳуҷҷати тиҷоратӣ – ҳисобнома-фактураи (инвойси) таснифот, варақаҳои бастабандӣ ва дигар ҳуҷҷатҳое, ки ҳангоми амалинамоии фаъолияти савдои хориҷӣ ё дигар фаъолият барои тасдиқи аҳдҳо истифода мешаванд. Агар ҳуҷҷати тиҷоратӣ аз якчанд саҳифа иборат бошад, пас ҳар як саҳифа бо нишон додани миқдори умумии саҳифаҳо, рақамгузорӣ карда мешавад;
- ҳуҷҷати (ҳамлу нақлӣ) нақлиётӣ (борхат).

## 8. ТАТБИҚИ НАЗОРАТИ СОДИРОТКУНАНДАГОНИ БАҚАЙДГИРИФТАШУДА ВА АРИЗАҲО ОИД БА ТАВЛИДИ МОЛҲО

36. Мақоми ваколатдор бояд санҷиши вазъи тавлиди молҳои дар ариза оид ба тавлиди мол дарҷгардидаро мутобиқи Қоидаҳои низоми умумии имтиёзҳои Иттиҳоди Аврупо дар ҳолатҳои зерин гузаронад:

- тибқи дархости мақоми ваколатдори воридоткунанда оид ба гузаронидани санҷиши як ва ё якчанд аризаҳо оид ба тавлиди мол;

- аз рӯи ташаббуси шахсӣ дар асоси меъёри таҳлили хатарҳо. Интихоби содироткунандагоне, ки мавриди санҷиш қарор дода мешаванд, аз намуди молҳо, бахши соҳаҳо ё мамлакати таъинот вобаста нест. Барои он мақоми ваколатдор содироткунандагонро уҳдадор менамояд, ки нусха ё рӯйхати аризаҳоро оид ба тавлиди молҳо, ки онҳо кардаанд, пешниҳод намоянд. Муттасилии ин санҷишҳо аз натиҷаҳои таҳлили хатарҳо ё натиҷаи санҷишҳои қаблӣ вобаста мебошад.

37. Санҷишҳо дар асоси ҳуҷҷатҳое, ки аз содироткунандагон дархост карда мешаванд ё дар ҳудуди содироткунанда – тавлидкунандаи молҳо бо роҳи чорабиниҳои зерин гузаронида шаванд:

- санҷиши аризаҳо оид ба истеҳсоли мол маҳсулот, агар дархост ба санҷиши минбаъдаи исботи тавлиди онҳо, ки аз тарафи содироткунандаи бақайдгирифташуда амалӣ шуда бошад;

- санҷиши эъломияи таҳвилдиҳанда он ҷое, ки метавонанд сертификатҳои иттилоотӣ барои тасдиқи аниқи эъломияи таҳвилдиҳанда дархост карда шаванд, онҳо дар дасти содироткунандагони бақайдгирифташуда ба сифати далели тавлиди молу маҳсулоте, ки онҳо аз дигар шахсон гирифтаанд, нигоҳ дошта мешаванд;

- муқоисаи ҷараёни савдои содироткунанда, молҳо ё маҳсулоти истифодашуда бо маълумоти баҳисобгирии муҳосибӣ, ки аз тарафи содироткунанда пешниҳод карда мешавад.

38. Мақоми ваколатдор уҳдадор аст мунтазам маълумоти бақайдгирии содироткунандаро дар муҳлати амали он санҷиш намояд, то ки бовар ҳосил намояд, ки маълумотҳо то айни ҳол фаъол (содироткунанда ҳоло ҳам вуҷуд дорад, суроға тағйир наёфтааст, шахси тамос, агар бошад, ҳоло ҳам шахси тамос ба ҳисоб меравад) мебошад.

39. Мақоми ваколатдор уҳдадор аст мунтазам мониторинги содироткунандагони бақайдгирифташудаи Тоҷикистонро гузаронад, то ки бовар ҳосил намояд, ки онҳо риоя намудани шартҳои бақайдгирии худ ва уҳдадориҳои дар он му қарор кардашуд медиҳанд.

40. Ҳангоми ошкор намудани ҳуқуқвайронкуниҳо мақоми ваколатдор метавонад чораҳои зеринро андешад:

- содироткунандаи бақайдгирифташударо бо нишон додани камбудиҳо вобаста ба хабар надодан оид ба тағйироти ба маълумоти бақайдгирии худ воридшуда, огоҳ намояд;

- дар ҳолати ошкор намудани мухолифат ҳангоми барасмиятдарории ариза оид ба тавлиди молу маҳсулоти дархостнашуда ҳангоми бақайдгирии он (банди 4 аризаи барои бақайдгирӣ дар низоми содироткунандагони бақайдгирифташудаи Иттиҳоди Аврупо (Registered Exporter System);

- бекор намудан ё бозхонди қайди содироткунанда.

## 9. САНҶИШИ МАЪЛУМОТҲОИ СОДИРОТКУНАНДАГОНИ БАҚАЙДГИРИФТАШУДА

41. Маълумоти содироткунандагони бақайдгирифташуда дар низоми REX (рақами бақайдгирӣ) дар сомонаи дастраси умуми Директорати генералии Иттиҳоди Аврупо оид ба андозбандӣ ва иттиҳоди гумрукӣ ҷойгир ва нашр карда мешаванд.

42. Агар содироткунандаи бақайдгирифташуда розигии худро барои нашри маълумотҳои худ бо гузоштани имзо дар банди 6 аризаи барои бақайдгирӣ дар низоми содироткунандагони бақайдгирифташудаи Иттиҳоди Аврупо (Registered Exporter System) дода бошад, пас ин маълумотҳо дар сомонаи дастраси умуми ДГ ИА АИГ ҷойгир ва нашр карда мешаванд.

43. Агар содироткунандаи бақайдгирифташуда дар банди 6 ариза имзо нагузошта бошад, пас вай розигии худро барои нашри маълумотҳои худ дар сомонаи дастраси умуми ДГ ИА АИГ нагузошта бошад ва дар сомонаи мазкур танҳо рақами содироткунандаи бақайдгирифташуда (рақами бақайдгирии низоми REX), санаи эътибор пайдо намудани қайд, санаи бозхонди қайд (агар мавҷуд бошад), маълумот дар бораи он ки оё қайд ба содирот ба Норвегия, Швейтсария ё Туркия низ паҳн мегардад, санаи ҳамоҳангнамоии охирин байни низоми REX (рақами бақайдгирӣ) ва сомонаи дастраси умум ҷойгир ва нашр карда мешавад. Инчунин, аз рӯи маълумотҳои болозикр санҷиши ҳақиқӣ будани рақами бақайдгирии содироткунанда мумкин мебошад.

44. Воридоткунандагон дар Иттиҳоди Аврупо метавонанд ҳақиқӣ будани содироткунандагони бақайдгирифташударо, ки аз онҳо мол, ариза оид ба тавлиди молро ба даст меоранд, бо муроҷиат намудан ба сомонаи дастраси умуми ДГ ИА АИГ, ки дар он маълумоти низоми REX (рақами бақайдгирӣ) нашр мешаванд, санҷанд.

45. Воридоткунандагон дар давлати бенефитсиари НУИ, ки дар муттаҳидсозии минтақавӣ ё дутарафа иштирок менамоянд, бояд ҳақиқӣ будани содироткунандагони бақайдгирифташударо, ки аз онҳо мол, ариза оид ба тавлиди мол, ки истеҳсоли маводҳоро тасдиқ менамоянд, ба даст меоранд ва онҳоро ба маҳсулоти худ ворид менамоянд, санҷанд.

46. Ариза оид ба тавлиди мол ҳақиқӣ ба ҳисоб меравад, агар он дар он лаҳзае ба расмият дароварда шуда бошад, ки бақайдгирии содироткунандаи бақайдгирифташуда дода шуда бошад ва он ҳақиқӣ ба ҳисоб равад. Ариза оид ба тавлиди моли содироткунандаи бозхондшуда иҷозатдода ба ҳисоб меравад, агар он то бозхондшавӣ дода шуда бошад.

Замимаи №1 ба Қоидаҳои бақайдгирӣ
дар низоми содироткунандагонибақайдгирифташудаи
Иттиҳоди Аврупо (Registered Exporter System)

# Ариза
## барои бақайдгирӣ дар низоми содироткунандагони бақайдгирифташудаи Иттиҳоди Аврупо (Registered Exporter System)

1. Номи содироткунанда, суроғаи пурра ва мамлакат,
2. TIN________________________________________

3. Маълумот барои тамос, аз он ҷумла рақами телефон ва факс, инчунин суроғаи почтаи электронӣ (агар мавҷуд бошад)_
__________________________________________________

4. Фаъолияти асосӣ: истеҳсолот ё савдо
__________________________________________________
(нишон диҳед)

5. Тасвири молҳое, ки нисбат ба онҳо реҷаи имтиёзнок, аз он ҷумла номгӯи фаслҳо, номгӯи молҳои ФИХ татбиқ
__________________________________________________

5. Уҳдадории содироткунанда:

- арз менамояд, ки маълумоти болозикр дуруст мебошанд;
- тасдиқ менамояд, ки қайди пешина бекор, бозхонд карда нашудааст ва хатогиҳои роҳдодашуда, ки ба бекор намудан ё бозхондани қайд оварда расонидааст, ислоҳ карда шудааст;
- аризаро оид ба тавлиди мол танҳо нисбати он молҳое тартиб диҳад, ки онҳо ба реҷаи преференсиалӣ ва қоидаҳои тавлид барои ин молҳо дар низоми умумии имтиёзҳо мутобиқат менамоянд;
- баҳисобгирӣ ва ҳисоботи дахлдори тавлиди мол ё таҳвили молҳоеро, ки нисбати онҳо реҷаи имтиёзҳоноки паҳн мегардад, барад, инчунин ҳуҷҷатҳоро оид ба баҳисобгирӣ ва ҳисоботи на камтар аз се сол аз охири соли тақвимӣ, ки дар он ариза оид ба тавлиди мол амалӣ шудааст, нигоҳ дорад;
- фавран мақоми ваколатдорро оид ба тағйироте, ки дар маълумоти бақайдгирӣ дар лаҳзаи бадастории рақами содироткунандаи бақайдгирифташуда ба вуҷуд меояд, хабар диҳад;
- бо мақоми ваколатдор ҳамкорӣ намояд;
- тамоми санҷиши дурустии аризаҳои худ оид ба тавлиди мол, аз ҷумла санҷиши сабти бақайдгирӣ ва боздиднамоии мақомоти ваколатдор аз бинои онҳо (танҳои нисбат ба содироткунандагони мамлакатҳои қабулкунанда татбиқпазир аст) қабул намояд;
- хориҷнамоӣ аз низомро дархост намояд, агар он дигар ба шартҳои барои содироти молҳо мутобиқи низоми (REX) ҷавобгӯ набошад;
- хориҷнамоиро аз низоми (REX) дархост намояд, агар дигар нияти содирот намудани молро ба давлатҳои ИА надошта бошад.

6. Розигии худ ё раднамоиро барои нашри маълумотҳо дар сомонаи дастраси умуми ДГ ИА АИГ пешниҳод намояд (ба содироткунанда хабар дода мешавад, ки маълумоти дар ин ариза пешниҳодшуда метавонад барои ҷомеа дар сомонаи кушод дастрас бошад ё содироткунанда ҳуқуқ дорад розигии худро барои нашри ин маълумот тавассути сомонаи дастраси умум, бо фиристодани дархост ба мақоми ваколатдор, ки барои бақайдгирӣ масъул мебошад, бозхонд намояд).

Ҷой, сана, имзои шахси ваколатдор (содироткунанда), ному насаб ва мансаб
________________________________________________

7. Арзкунанда тахти рақами зерин ба қайд гирифта шудааст:

Рақами бақайдгирӣ: ___________________________

Санаи бақайдигирӣ: _________________________________

Имзо ва муҳр___________________________________

*Эзоҳ: Ариза барои ба даст овардани вазъи содироткунандаи бақайдгирифташуда бояд дар реҷаи онлайн бо дархости пешакӣ пур карда шавад. Аризае, ки бо ҳомили қоғазин пешниҳод шудааст, қабул карда намешавад. Шакли онлайни ариза (истинод: https://customs.ec.europa.eu/rex-pa-ui/), Онлайн-заявки истинод: https://customs.ec.europa.eu/rex-pa-ui/)*

Замимаи №2 ба Қоидаҳои бақайдгирӣ
дар Низоми содироткунандагони бақайдгирифташудаи
Иттиҳоди Аврупо (Registered Exporter System)

# Ариза оид ба тавлиди мол

1. Номи содироткунанда, суроғаи пурра ва мамлакат, TIN________________________________________________

2. Маълумот барои тамос, аз он ҷумла рақами телефон ва факс, инчунин суроғаи почтаи электронӣ (агар мавҷуд бошад) ________________________________________________

3. Фаъолияти асосӣ: истеҳсолот ё савдо ________________________________________________
(нишон диҳед)

4. Тасвири молҳое, ки нисбати онҳо реҷаи имтиёзнок, аз он ҷумла рӯйхати фаслҳои Номгӯи молҳои ФИХ паҳн мегардад ________________________________________________
шарҳи мол, санаи барориш бо нишон додани ҳарфи “P”, агар мол таҳти коркард қарор гирифта бошад ва ҳарфи “W” бо нишон додани рамзи моли НМ ФИХ

5. Ҳуҷҷатҳои тиҷоратӣ ________________________________________________

6. Нишон додани ҷои тавлиди мол________________________

7. Рақами бақайдгирифташудаи содироткунанда дар низоми REX (агар ба қайд гирифта шуда бошад) ________________________________________________